Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Соҳаи тарбияи ҷисмониро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятнок эътироф карда, барои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, оммавӣ гардонидани он, тайёркунии варзишгарони касбӣ ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳои варзишии бонуфузи байналмилалӣ рӯз аз рӯз шароити беҳтару хубтар муҳайё карда истодааст.

Таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ, ҷалби одамон ба варзиши бадан ва солимгардонӣ дар сикли фанҳои педагогӣ мавқеи хоса дошта, баррасии масъалаҳои вобаста ба ин самт дар илми педагогика дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсияи мазкур аз таҳияи механизми самараноки таълиму тарбияи ҷасмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ ҷиҳати болобарии сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иборат аст.

Аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки навовариҳои зерин ҳосил гардидааст:

- муҳимтарин самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ муайян карда шуданд;

- нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон муайян карда шуд;

- афкори муайяни педагогии олимон оид ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон омӯхта шуда, роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шароити муосир муайян карда шуд;

- самтҳои асосии фаъолияти муштараки омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бо хурдсолон ва калонсолон дар раванди таълим муайян карда шудаанд.

Натиҷаҳои рисолаи илмӣ имкон медиҳанд, ки асосҳои назариявии таҳқиқотро таълимоти мутақобилаи илмӣ, методӣ ва умумибашарӣ, нишондодҳои фалсафию педагогӣ, бо ҳам алоқаманд будани ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва бо ҳам тавъам будани назария ва амалия, инчунин, дар вақти таҳқиқот ба ҳисоб гирифтани таҷрибаи таърихи инсоният ҳангоми дарк намудани вазифаҳои мубраму муҳимми замони муосир ташкил медиҳад. Дар вақти гузаронидани таҳқиқот асосҳои назариявии Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», «Барномаи маҷмуии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳури Тоҷикистон», Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ва монанд ба инҳо ба роҳбарӣ гирифта шуданд.

Натиҷаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ метавонад, барои тайёр намудани хонандагони МТМУ дар руҳияи тарзи ҳаёти солим ва тайёр будан ба хизмати Модар-Ватан, халқу миллати хеш ва дигар халқияту миллатҳои маскуни Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти гузаронидашудаи худ тавсия додааст, ки таваҷҷуҳ ба масъалаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва ватандӯстии ҳарбӣ дар нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳангоми коркарди маводи таълимӣ ва дигар маводи ёрирасони таълимӣ бештар карда шуда, мактаббачагон ба мусобиқа ва бозиҳои варзишӣ зиёдтар ҷалб карда шаванд.

Яке аз натиҷаҳои асосии бадастомада ҳангоми таҳқиқи мавзуи “Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” фароҳам овардани муҳит барои рушди ҷавонон ҷиҳати дарк ва эҳтироми онҳо ба арзишҳои миллӣ, хуб нигоҳдоштани саломатӣ ва болоравии ҳисси ватандӯстӣ мебошад.

Дар маҷмуъ вазифаҳои дар таҳқиқоти мо пешбинӣ гардида, иҷро карда шуда, мақсади таҳқиқот “Таҳияи механизми самараноки таълиму тарбияи ҷасмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ ҷиҳати болобарии сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” ба даст оварда шудааст.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи алгебра ва геометрияи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Сатторов А.Э.
Тел: (+992) 987 67 57 73, E-mail: asattorov50@mail.ru

**Имзои Сатторов А.Э.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.**
**«11» 02 соли 2025**